Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 128 (4548) | ДУШАНБЕ, 17 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**17 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Клуби инноватсионӣ ва фитнеси «Крокус фитнес»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он бо назардошти талаботи муосир бунёд гардида, барои машғул шудан ба навъҳои гуногуни варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи зебоӣ имконияти заруриро фароҳам овардааст. Аз ҷумла, дар як вақт дар иншоот бештар аз 2500 нафар метавонанд ба варзиш машғул шаванд.

«Крокус фитнес» дорои се ҳавзи замонавии шиноварӣ буда, ҳавзи калони он имконият дорад, ки варзишгарони касбиро низ ба машғулият фаро гирад. Ҳамчунин, барои занон ҳавзи алоҳидаи оббозӣ ва барои кӯдакон ҳавзи махсус бунёд ёфта, бо назардошти меъёрҳои санитарӣ ҳавзҳои шиноварӣ фаъолият мекунанд. Коркарди об дар 5 марҳила амалӣ гашта, ҳарорати муътадили дохили ҳавзҳо дар фасли зимистон низ бо истифода аз дастгоҳҳои муосири соҳавӣ муътадил нигоҳ дошта мешавад.

Дар дохили «Крокус фитнес» толори барҳавову замонавии варзишӣ барои тамринҳои омехта бунёд гардида, варзишгарон ва дӯстдорони тарзи ҳаёти солим метавонанд ба навъҳои варзиши бокс, муҳорибаи омехта, гӯштин, гимнастика машғул шаванд. Ин қисмати иншоот бо дастгоҳ ва шароити зарурӣ муҷаҳҳаз буда, барои кӯдакон дар дохили он клуби алоҳида фаъолият менамояд.

Дар маҷмӯъ, масоҳати бинои «Крокус фитнес» 7500 метри мурабъаъро ташкил дода, дар дохили он ду толори барҳавову замонавӣ, аз ҷумла барои занон толори алоҳида ва барои мардон низ толори алоҳида ташкил шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## НОМАИ ҲАМДАРДӢ



**15 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Реҷеп Тайип Эрдоган номаи ҳамдардӣ ирсол карданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари фоҷеабори ба ҳалокат расидан ва осеб дидани теъдоди зиёди мардум бар асари таркиш дар кони ангишт дар вилояти Бартини Ҷумҳурии Туркия боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Ҳамдардиву тасаллиёти самимии ин ҷонибро ба аҳли пайвандону наздикони қурбониёни ин фоҷеа изҳор намуда, ба онҳо сабри ҷамил ва барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

**www.president.tj**

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН



**13 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остона дар Ҳамоиши шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО), ки таҳти раёсати Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар кори ҳамоиши сатҳи баланди байналмилалӣ сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва намояндагони воломақоми кишварҳои иштирокчӣ, роҳбарону намояндагони давлатҳои нозир, ташкилоту созмонҳои байналмилалии нозир ва шарик низ ширкат доштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев барои дар сатҳи баланди тадорукотӣ баргузор кардани мулоқоти сарони давлату ҳукуматҳо ва пазироии самимӣ изҳори сипос карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба таҳаввулоти амиқ дар арсаи ҷаҳон, оқибатҳои бемории сироятии COVID-19, таъсири он ба иқтисод ва амнияти кишварҳо, бӯҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва вазъи амнияти байналмилалию минтақавӣ, афзоиши терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои киберӣ андешаронӣ карда, талошҳои муштарак дар мубориза бо ин чолишҳо ва таҳдидҳо, инчунин ҳамоҳангсозии корҳоро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният зарур шумурданд.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон пас аз шомил шудан ба Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар доираи машварат саҳми арзанда мегузорад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи вазифаҳои умумии Декларатсияи дар ҳамоиши Душанбе қабулшуда, доир ба рушди сайёҳӣ, ҳалли масъалаҳои муҳими амнияту ҳамкорӣ дар Осиё, аз ҷумла вазъи Афғонистон, ибрози андеша карда, таваҷҷуҳи роҳбарони давлатҳои аъзои машваратро ба ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуда ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи кӯшишҳо ҷалб сохтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, аз ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти глобалии норасоии оби ошомиданӣ ва тағйирёбии иқлим ёдовар шуда, сарони кишварҳо ва ташкилоту созмонҳои байналмилалиро ба мустаҳкам кардани ҳамкорӣ барои муқовимат ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим даъват намуданд.

Бояд гуфт, ки ҷониби Тоҷикистон бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти обу иқлим ва обшавии пиряххо қаблан пешниҳод карда буд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон карда шавад.

Президенти мамлакат изҳори умед карданд, ки талошҳои Тоҷикистон дар ин самт аз ҷониби кишварҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ҳамаҷониба дастгирӣ хоҳанд ёфт.

Изҳори имтинон карда шуд, ки дурнамои фаъолияти муштараки кишварҳо дар самти таҳкими эътимоду амният, инчунин ҳамкории васеи бисёрҷониба дар ҳалли масъалаҳои мубрам, муайян карда шавад.

Дар фарҷоми кори Ҳамоиши шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё аз ҷониби иштирокчиён, дар маҷмӯъ, 14 ҳуҷҷат, қарор ва консепсия, аз ҷумла Низомнома оид ба хазинаи Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Изҳороти роҳбарони Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва нақшаи амали Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористиии СММ қабул гардид.

**13 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи ҳамоиши Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Покистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкони дидору мулоқотро барои баррасии ҳолат ва дурнамои муносибатҳои ҳар ду кишвар фурсати муносиб номида, изҳор доштанд, ки мо пайваста ба раванди мулоқоту машваратҳои байни Тоҷикистону Покистон дар сатҳи гуногун таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоем.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷонибаи судманд, боз ҳам устувор ва амиқ гардонидани пайвандҳои иқтисодию тиҷоратӣ, нақлиётӣ, вусъат бахшидани лоиҳаҳои энергетикӣ, қавӣ сохтани ҳамкории сиёсиву амниятӣ ва низомию техникӣ табодули андеша карданд.

Барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷоннок кардани кори Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмиву техникӣ, гурӯҳҳои кории муштарак оид ба нефту газ, энергетика, Шӯрои муштараки соҳибкорон, Форуми соҳибкории Тоҷикистону Покистон ва таъсиси Шӯрои муштараки ширкатҳои боркашонии ҳар ду кишвар зарур шуморида шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МЕҲРГОН ҶАШНИ ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ КИШОВАРЗИВУ БОҒДОРИСТ

### Паёми шодбошии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Меҳргон

шаҳри Душанбе, 15 октябри соли 2022

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо фарорасии ҷашни Меҳргон - яке аз куҳантарин оинҳои мардуми куҳанбунёди тоҷик, ки айёми ҷамъоварии маҳсули заҳмати кишоварзон, айёми фаровонӣ ва шодиву нишот мебошад, самимона табрик мегӯям.

Меҳргон дар таърихи тамаддуни мардумони ориёитабор пас аз Наврӯз дуюмин ҷашни бузург аст, ки бо табиат ва кишоварзиву боғдорӣ иртиботи мустақим дорад ва инъикоскунандаи решаҳои амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавию фарҳангӣ мебошад. Яъне, Меҳргон ҷашнест, ки бар асоси қонунҳои табиат, баробаршавии шабу рӯз дар фасли тирамоҳ ва ҷамъоварии ҳосилоти кишоварзиву боғдорӣ ташаккул ёфтааст.

Дар ин рӯз ниёгони мо бо шукргузорӣ аз ҳосили бадастомада орзуи фаровониву пурборӣ ва ваҳдату ягонагиро мекарданд. Ба ибораи дигар, Меҳргон таҷассумгари арзишҳои неки инсонӣ, файзу баракати рӯзгор ва ҳаёти орому осудаи мардум мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҷашну оинҳои миллии аз ниёгони некноми мо бамеросмонда оммаи мардумро ба сулҳу субот ва оромиву осоиш даъват мекунанд, ҳамаро, сарфи назар аз тафовутҳои миллӣ, диниву мазҳабӣ ва мақому мартабаи иҷтимоӣ гирди дастархони пурнозу неъмати идона ҷамъ оварда, ба ин васила дӯстиву рафоқати байни инсонҳоро таҳким мебахшанд.

Доир ба анъанаву суннатҳои неки ин ҷашни бостонӣ дар осори донишмандони гузаштаи мо, аз ҷумла Абӯрайҳони Берунӣ, маълумоти фаровон оварда шудааст. Дар асари машҳури ӯ «Осор - ул - боқия» дар бораи паҳлуҳои гуногуни баргузории ҷашни Меҳргон ва ривоятҳои марбут ба он нақлҳои ҷолиб мавҷуданд, ки тибқи яке аз онҳо ёқут дар Наврӯзи дилафрӯз ва забарҷад дар Меҳргони заррин офарида шудааст. Аз ин лиҳоз, ин ду айём чун ёқуту забарҷад ҷило медиҳанд.

Меҳргонро шоирони бузурги мо ҳам ба сифати ҷашни мардумӣ ва ҳам оини хусравонӣ тавсиф кардаанд. Масалан, падари шеъри Аҷам устод Рӯдакӣ ҳанӯз дар замони Сомониён гуфтааст:

**Малико, ҷашни Меҳргон омад,**
**Ҷашни шоҳону хусравон омад.**

Дар асрҳои минбаъда арзишҳои наҷибу судманди Меҳргон дар байни мардум бештар чун иди ҳосилот маъмул гардид, вале таҳти таъсири омилҳои гуногун анъанаи таҷлили он чун ҷашни махсуси миллӣ аз байн рафта буд.

Танҳо ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ мо имкон пайдо намудем, ки Меҳргонро бо тамоми расму одатҳои неки он аз нав зинда гардонем.

Таҷлили расмии Меҳргон ва дигар ҷашнҳои миллӣ гувоҳи равшани он аст, ки миллати куҳанбунёди мо рӯ ба омӯзишу эҳёи арзишҳои гузаштаи фарҳангии худ овардааст ва ҳифзу гиромидошти онҳоро вазифаи бошарафи хеш медонад.

Чунон ки зикр гардид, Меҳргон чун дигар оинҳои мавсимии мо - тоҷикон, қабл аз ҳама, ҷашни кишоварзон мебошад.

Дар робита ба ин, хотирнишон бояд кард, ки бо сабаби вазъи нооромии сайёра, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, таҳримҳои иқтисодиву молиявӣ ва омилҳои дигар дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон болоравии босуръату бесобиқаи нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти ғизоӣ мушоҳида мегардад.

Дар чунин шароити вазнин, ки инсоният дар 80 – 100 соли таърихи худ ба он рӯ ба рӯ омадааст, мо бояд беш аз ҳар вақти дигар кор кунем, заҳмат кашем, ҳар чӣ бештар маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол ва захира намоем.

Ҳифзи амнияти озуқаворӣ кишвар, яъне истифодаи самараноки обу замин, технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва бо ҳамин роҳ зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вазифаи муҳимтарину аввалиндараҷаи мо дар вазъияти кунунӣ мебошад.

Бинобар ин, роҳбарону мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳар як кишоварз ва ҳар як оиларо зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи самараноку оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, гирифтани се - чор ҳосил ва захираи маҳсулоти озуқа бисёр ҷиддӣ муносибат намоянд.

Корро дар ин самт тавре ба роҳ бояд монд, ки мардумамон дар фасли зимистон ба камбудиву танқисӣ рӯ ба рӯ нашаванд ва муҳтоҷӣ накашанд.

Воқеан, барои фасли зимистон захира кардани маҳсулоти зарурии ғизоӣ яке аз анъанаҳои неки Меҳргон мебошад.

Бовар дорам, ки кишоварзони мамлакат ва кулли мардуми кишвар бо заҳмати дастҷамъонаи худ ба хотири ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ беш аз пеш саъю талош мекунанд.

Бори дигар тамоми мардуми кишварро ба ифтихори ҷашни бостонии Меҳргон самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди кишвар хонаи обод, дастархони фаровон, файзу баракат ва саодати рӯзгор орзумандам.

**Ҷашни Меҳргон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам ҳамтоён ва сардорони ҳайатҳо!**
**Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич Токаев барои дар сатҳи баланди тадорукотӣ баргузор намудани мулоқоти мо ва истиқболи самимӣ изҳори сипос намоям.

Ҳамаи намояндагони кишварҳои аъзоро бо санаи ҷашнии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) самимона табрик мегӯям.

**Ҳамтоёни муҳтарам!**

Баъди нишасти охирин дар минтақаи Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё дар рӯзномаи байналмилалӣ тағйироти назаррас ба амал омаданд. Бемории сироятии COVID-19 боиси буҳрони тӯлонии иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ гардид, ки бидуни муболиға, ба амнияти мо таъсир мерасонад.

Имрӯз равандҳои манфӣ дар соҳаи таъмини амнияти ҳарбию сиёсӣ вусъат ёфта истодаанд. Ба амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, чун пештара, миқёси афзояндаи терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои киберӣ таҳдид мекунанд. Зарурати афзоиш додани талошҳои муштарак дар мубориза бо ин чолишу таҳдидҳо,




# ЗАРУРАТИ АФЗОИШ ДОДАНИ ТАЛОШҲОИ МУШТАРАК ДАР МУБОРИЗА БО ТАҲДИДҲОИ ГЛОБАЛӢ БА МИЁН ОМАДААСТ

## Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО)

Қазоқистон, 13 октябри соли 2022

инчунин ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати таҳкими сулҳ, субот ва амният ба миён омадааст.

**Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!**

Мо дар Тоҷикистон қадри сулҳ ва ҳифзи онро амиқ дарк мекунем.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мардуми мо имтиҳони душвор ва давраи ноороморо аз сар гузаронид. Аз ин рӯ, Тоҷикистон иштирокчии фаъоли муколамаи ҷаҳонӣ оид ба амният дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ маҳсуб мешавад.

Дар асоси таҷрибаи андӯхта дар мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ мо «Стратегияи нави мубориза бо терроризм ва ифротгароиро барои давраи то соли 2025» таҳия ва қабул намудем.

Конфронси сатҳи баланд дар чаҳорчӯбаи «Раванди Душанбе» оид ба мубориза бо терроризм, ки чанд рӯз баъд дар пойтахти Тоҷикистон ҳамроҳ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони байналмилалӣ доир мегардад, мавзӯъҳои муҳими ҷаҳони имрӯзаро фаро мегирад.

Мо ба иштироки фаъолонаи намояндагони воломақоми кишварҳои узви Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё дар баррасии масъалаҳои амнияти сарҳадӣ дар заминаи мубориза бо терроризм умед мебандем.

**Дӯстони азиз!**

Пас аз шомил шудан ба Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё Тоҷикистон машваратро пайваста дастгирӣ намуда, дар ноил шудан ба ҳадафҳои он саҳми арзанда мегузорад. Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсози соҳаи сайёҳӣ дар чаҳорчӯби машварат барои пешбурди ҳамкорӣ дар ин самт талошҳои зарурӣ ба харҷ медиҳад.

Дар заминаи вазифаҳои умумие, ки дар назди мо меистанд, мехоҳам аҳамияти Баёнияеро, ки дар нишасти Душанбе қабул шуда буд, зикр намоям. Он мавқеъ ва нуқтаи назари машваратро оид ба масъалаҳои муҳими амнияту ҳамкорӣ дар Осиё, бо шумули мушкилоти Афғонистон инъикос менамояд. Мо итминон дорем, ки ҳамоҳангсозии минбаъдаи кӯшишҳои кишварҳои узви Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё метавонад ба истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар кумаки қатъӣ расонад.

**Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!**

Мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим аҳамияти махсус касб менамояд. Тоҷикистон аз тағйирот дар давраи гидрологӣ, ки боиси обхезӣ ва хушксолии шадид гардида, ба захираҳои обу энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад, нигарон аст. Бар асари тағйири иқлим ва гармшавии глобалӣ аз 14 ҳазор пирях дар кӯҳистони Тоҷикистон беш аз як ҳазораш комилан об шудаанд.

Барои бештар ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти обу иқлим ва обшавии пиряхҳо мо пешниҳод кардем, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон карда шавад.

Мо умед дорем, ки талошҳои мо дар ин самт аз ҷониби кишварҳои узви Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд. Ҳамтоёни муҳтарам, соли 2023 аз нигоҳи баррасии миёнамуҳлати Ҳадафҳои рушди устувор ва арзёбии иҷрои ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» соли муҳим мебошад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид, ки соли оянда пас аз чилу шаш соли баргузории чунин чорабинии сатҳи баланд оид ба об дар Ню-Йорк доир мешавад, натиҷаҳои назаррасро интизор аст. Тоҷикистон яке аз ҳамраисони ин ҳамоиши муҳими байналмилалӣ хоҳад буд.

Мо аз тамоми ҷонибҳои манфиатдор даъват менамоем, ки дар омодагӣ ва баргузории ин чорабинии сатҳи баланд фаъолона ҳамкорӣ кунанд.

**Ҳамтоёни муҳтарам!**

Имрӯз дар доираи машварат масъалаи муҳим - инкишофдиҳӣ ва ба созмони байналмилалӣ табдил додани он мебошад. Мо раванди табдилдиҳии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиёро бо назардошти имконоти иқтисодӣ ва молиявии кишварҳои узв дастгирӣ мекунем.

Мо итминон дорем, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза имкон медиҳанд, ки дурнамои фаъолияти муштараки мо дар самти таҳкими эътимоду амният, инчунин ҳамкории васеи бисёрҷониба дар ҳалли масъалаҳои мубрами минтақаи Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) муайян карда шавад.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Тарабхонаи бразилии «Латина-Душанбе» (Latina-Dushanbe)-ро ифтитоҳ карданд.**

Иншооти нав дар соҳили «Кӯли ҷавонон» қомат афрохта, ба хотири ба мизоҷон расондани хизматрасонии сатҳи ҷаҳонӣ ва пешниҳод кардани таомҳои гуногуни болаззат бо бренди ширкати машҳури бразилиягӣ сохта шудааст. нодир ва тарзи нави пешниҳоди сихкабобу хӯришҳои гуногун фарқ мекунад. Он бо лоиҳаи «франшиза», яъне дар асоси шартнома истифода бурдани бренди машҳури хориҷӣ ва технологияи он бунёд гардидааст. Барои пеш бурдани кори тарабхона ва пухтани таомҳои гуногун шаҳрванди кишвари Бразилия ҷалб гардидааст, ки дар ҳамкорӣ бо ошпазҳо ва кадбонуҳои тоҷик ба мардум хизмат мерасонанд.

Дар тарабхонаи «Латино - Душанбе», ки дар кишварҳои аъзои ИДМ нахустин мебошад, 110 навъ хӯрок тайёр ва ба мизоҷон пешниҳод карда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо шароит ва сатҳи хизматрасонӣ дар тарабхона ба иқдоми соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати обод кардани гӯшаи диёр ва таъсиси ҷойҳои нави кор изҳори сипос намуданд.



Дар тарабхона 50 нафар бо кори доимӣ таъмин шуда, дар мавсими гармо даҳ нафар пешхизмат ба шуғли муваққатӣ фаро гирифта мешавад. Дар қисмати дарунӣ ва берунии тарабхона, дар маҷмӯъ, барои дар як вақт ба 250 нафар хизмат расондан, ҷои нишаст мавҷуд аст.

Тарабхона аз дигар марказҳои маишию хизматрасонӣ бо тарҳи

Маросими ифтитоҳи расмии тарабхонаи бразилягии «Латино -Душанбе» рӯзи 22 октябр бо доир кардани «шоу-барнома»-и рангини бразилиягӣ, баргузор мегардад.

(Идома аз саҳ. 1)

Танҳо дар дохили толори мардона 40 адад дастгоҳи машқу тамрини бадан насб гаштааст. Вижагии дигари фитнес-клуб дар он аст, ки дар дохили он бахши алоҳидаи «вела тринажор» ташкил гардида, машғулиятҳо аз рӯи меъёрҳои байналмилалӣ бо истифода аз дастгоҳҳои инноватсионӣ гузаронида мешавад.

Дар клуби зикршуда бештар аз 100 нафар соҳиби ҷои кори доимӣ гардиданд, ки ҳамаи онҳо давоми чанд моҳ аз курсҳои бозомӯзӣ, ки бо иштироки мутахассисони соҳибмалака доир гардида буд, гузаштаанд.

Дар таҳхонаи иншооти мазкур «СПА-салон» низ ташкил гардида, барои бонувон хизматрасониҳои гуногун вобаста ба нигоҳдории зебоии пӯсту рӯй, хизматрасониҳои косметологӣ ва навъҳои маҳс пешниҳод карда мешавад.

Шаҳрвандон, ҳамчунин, метавонанд аз фаъолияти ҳаммоми туркӣ, буғи хушк, саунаи финнӣ, ҳуҷраи барфӣ, саунаи русӣ ва саунае, ки намаки дохили он аз Ҳимолой оварда шудааст, истифода баранд ва ин имконият барои бонувон ва барои мардон дар алоҳидагӣ фароҳам мебошад.

Тамоми бахшҳои дохили «Крокус фитнес» дорои утоқҳои алоҳидаи ивазкунии сарулибос ва истироҳат буда, онҳо бо ҷевонҳои замонавӣ, ки барои ҳар нафар дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидааст, муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар дохили маҷмааи мазкур ошхонаи зебову замонавӣ низ фаъолият мекунад, ки дар он ҳам хӯрокҳои варзишӣ ва ҳам таомҳои аврупоӣ ба мизоҷон пешниҳод карда мешавад.

Бояд гуфт, ки «Крокус фитнес» шабакаи бузурги клубҳои инноватсионии фитнесиро дар кишварҳои гуногун дар бар гирифта, ифтитоҳи он дар шаҳри Душанбе барои варзишгарон ва дӯстдорони тарзи ҳаёти солим туҳфаи бебаҳо ба ҳисоб меравад. Айни замон дар минтақа ин аввалин ва ягона иншооти варзишии «Крокус фитнес» буда, гувоҳ аз он аст, ки таваҷҷуҳ ба тарғиби тарзи ҳаёти солим ва фароҳамсозии шароити замонавӣ барои машқу тамрини шаҳрвандон дар мамлакат хеле зиёд аст.

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Ҷонибҳо зимни мулоқот дар доираи ҳамкории амниятӣ масъалаҳои муқовимати самаранок бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар ва дигар зуҳуроти ҷиноятқории муташаккили фаромарзиро низ баррасӣ карданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

**13 октябри соли 2022 дар ҳошияи ҳамоиши Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо вазири энергетика ва зерсохтори Аморати Муттаҳидаи Арабӣ Суҳайл Мазрӯӣ мулоқот карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат иброз доштанд, ки Аморати Муттаҳидаи Арабӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи муҳим дорад ва мо ҷонибдору ҳавасманди тақвият ва густариши ҳамкории гуногунҷанба бо он мебошем.

Ҷонибҳо доир ба масоили рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ табодули андеша карда, аз сатҳи робитаҳои сиёсӣ байни ҳар ду кишвари бародар ва дӯст, инчунин ҳамкорӣ дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Оид ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои ояндадори энергетика, ифтитоҳи корхонаҳои муштарак дар бахшҳои саноати кӯҳии Тоҷикистон, коркарди пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ, баҳрабардорӣ аз захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, сармоягузории лоиҳаҳои барои ҷонибҳо судовар ва ҳамкории ниҳодҳои молиявию бонкӣ низ табодули андеша сурат гирифт.

Дар бахши кишоварзӣ таҳкими ҳамкорӣ дар масъалаи ба роҳ мондани содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Тоҷикистон ба Аморот, аз ҷумла меваи тарутоза, меваҳои хушк, сабзавот, асал ва чорвои зиндаю маҳсулоти гӯштӣ, зарур дониста шуд.

Густариши робитаҳо дар соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои дигари ояндадори робитаҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Аморот маънидод гардид.

Зиёд намудани хатсайрҳои ҳавоӣ ва пайваст намудани пойтахтҳо тавассути роҳандозии парвозҳои мустақим байни Абу-Забӣ ва Душанбе ба мақсад мувофиқ шумурда шуд.

**Инчунин, 13 октябри соли 2022 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо ташаббуси ҷониби Россия мулоқоти сеҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров баргузор гардид.**

Дар мулоқот сарони давлатҳо оид ба масоили амнияти минтақавӣ ва субот дар Осиёи Марказӣ табодули афкор карданд.

Зимни вохӯрӣ раванди гуфтушунидҳо оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон баррасӣ гардид.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки масъалаҳои ба миёномада танҳо бо роҳи сиёсию дипломатӣ, инчунин тавассути фаъолгардонии кори гурӯҳҳои ҳукуматӣ ва коршиносон оид ба делимитатсия ва демаркатсия тибқи тавофуқоти қаблан ҳосилшуда, ҳал карда шаванд.

**14 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ карданд.**

Ҷаласа таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев баргузор гардид.

Дар кори он Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров низ иштирок карданд.

Дар ҷараёни мулоқот дар ҳайати маҳдуд сарони давлатҳо оид ба масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва мавзӯъҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ суханронӣ намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ, пеш аз ҳама, татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳои раёсатро дар иттиҳод аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон таъкид ва дар бораи вазъи кунунии ҷаҳон, алахусус, дар минтақаи иттиҳод, ибрози андеша карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба авзои сиёсии ҷаҳон, таъсири омилҳои беруна ба иқтисоду амнияти кишварҳо, буҳрони озуқаворию энергетикӣ, тағйирёбии иқлим ва таъсири бемории сироятии COVID - 19 оқибатҳои низоъҳо дар кишварҳои гуногуни олам, ки ба амнияти минтақа ва ҷаҳон метавонанд таъсиргузор бошанд, андеша ва таҳлилҳои амиқ баён карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба пайомадҳои манфии ин хавфҳо пешниҳод карданд, ки дар баробари корҳои дар доираи иттиҳод анҷомдода, барои вокуниши муштарак ба чолишҳои рӯзафзун ва таҳдидҳо чораҳои муассиртар андешида шаванд.

Ҳамкории бисёрҷонибаи иқтисодӣ самти афзалиятдору аввалиндараҷаи робитаҳои кишварҳои аъзо номида шуд, зеро давлатҳои иттиҳод барои рушди он захираҳои калон доранд.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз натиҷаҳои дар давоми се даҳсола ба дастовардаи кишварҳо дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, то ҳол монеаҳо ва маҳдудиятҳо мавҷуданд, ки ба рушди минбаъдаи мутақобилан судманд халал мерасонанд.

Таъкид гардид, ки то ҳол дар соҳаҳои иқтисодиёт, саноат, илму техника, нақлиёту транзит ва бахши энергетика иқтидорҳои бузурги истифоданашуда зиёданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар самтҳои фарҳангию гуманитарӣ андешаронӣ карданд.

Дар баромадашон Сарвари давлат, инчунин, оид ба пайомадҳои офатҳои бузурги табиии вобаста ба об, хисороти моддию талафоти ҷонӣ, ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар бораи ҳалли мушкилоти норасоии об, таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои обӣ, обшавии пиряхҳо, болоравии талабот ба оби ошомиданӣ бинобар афзоиши аҳолии кураи замин ва рушди иқтисоди кишварҳо суханронӣ карданд.

Терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар, киберҷинояткорӣ ва дигар зуҳуроти ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳамчун таҳдидҳои асосӣ ба амнияти кишварҳо номида шуд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон аз тасдиқи «Барномаи ҳамкории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои давраи солҳои 2023 - 2025» ҷонибдор аст.

Дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои ИДМ бо иштироки ҳайатҳои васеъ оид ба натиҷаи масъалаҳои баррасишудаи рӯзномаи ҷаласа раиси Кумитаи иҷроия, котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев ва дар бораи рушди ҳамкориҳои байнипарлумонии кишварҳои аъзо Раиси Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко низ суханронӣ карданд.

Дар фарҷоми кори ҷаласа сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як қатор қарору санадҳои вобаста ба фаъолияти минбаъдаи созмонро ба тасвиб расониданд.

**Ҳамчунин, 14 октябри соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҳамоиши нахустини «Осиёи Марказӣ + Россия» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар ҳамоиш Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров низ иштирок карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин барои иқдомашон ҷиҳати баргузории ин нишаст ва ба роҳбари кишвари мизбони Қазоқистон ҷиҳати дар сатҳи баланди тадорукотӣ ташкил кардани чорабинӣ изҳори сипос намуданд.

Таъкид гардид, ки дар давоми 30 соли барқароршавии муносибатҳои дипломатии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Россия мо тавонистем ба сатҳи баланди ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ғайра ноил шавем.

Аз сатҳи зарурии ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи муколамаи шашҷониба роҳандозӣ кардани ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, нақлиёт ва иртиботот, дар бахшҳои маориф, робитаҳои башардӯстона ва муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳои навро зарур шумориданд.

Зимни суханронӣ дар ҳамоиш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин оид ба масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар масъалаи таъмини амният дар минтақа, пешгирии хавфи паҳншавии идеологияи тундгароӣ, мубориза бо афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ андешаронӣ карданд. Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади таҳия ва эҷоди механизмҳои нави муборизаи муштарак бо ин хатарҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти махсус ва мақомоти салоҳиятдор дар минтақа таҳким дода шавад.

Вобаста ба вазъи сиёсию гуманитарӣ дар кишвари ҳамсояи Афғонистон омодагии Тоҷикистон ҷиҳати расондани кумакҳои башардӯстӣ ба мардуми азияткашидаи афғон, тавассути марказҳои логистикии кишвари мо таъкид гардид.

Зимни суханронӣ дар ҳамоиш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин оид ба зарурати таҳкими ҳамкории кишварҳо дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои афзалиятнок ва афзоиши гардиши мол пешниҳодҳои созанда карданд. Аз рӯи натиҷаҳои мулоқот сарони давлатҳо Изҳороти муштаракро қабул карданд.

**14 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остона дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ + Россия» бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд.**

Дар рафти он маҷмӯи васеи масоили ҳамкорӣ дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз натиҷаҳои мусбате, ки аз рушди муносибатҳои шарикӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба даст омадаанд, изҳори қаноатмандӣ карда, дидору мулоқоти имрӯзаро имкони мувофиқ барои баррасии ҳолат ва дурнамои робитаҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамҷаворӣ маънидод намуданд.

Сарони кишварҳо зимни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳоро дар соҳаҳои афзалиятнок ва барои ҷонибҳо судовар баррасӣ ва татбиқи пурраи созишномаҳои қаблан қабулгардидаро ҳадафи аввалиндараҷа арзёбӣ карданд.

Дар рафти мулоқот оид ба дигар мавзӯъҳои мубрами мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯ сурат гирифт.

www.president.tj

# ҚОНУН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ» ҚАБУЛ ШУД

## Он муносибатҳои ҷамъиятиро дар савдои электронӣ танзим ва бехатариро дар ин самт таъмин менамояд

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Аз рӯи он сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Талбакзода дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод ТАЛБАКЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар баробари ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикор ё қасдан нобуд кардани бабри барфӣ аз ҷониби Прокуратураи генералӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ таҳия гардид.

Ҳарчанд дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои нобуд кардани ҳайвоноту набототи нодир дар умум ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардида бошад ҳам, барои нобуд кардани бабри барфӣ ҷавобгарӣ муайян карда нашудааст ва ҷазои ба тариқи маъмурӣ барои ин кирдор муайянгардида нокифоя буда, ба беҳтар шудани ҳолати кор дар ин самт мусоидат намекунад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии шахсони воқеиро барои нобуд кардани ҳайвоноту набототи нодири ба «Китоби сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ки таҳти хатари нестшавӣ қарор доранд, пешбинӣ намуда, ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар намудааст.

Бояд зикр намуд, ки ҷазои пешбинигардида ҷиҳати пешгирӣ кардани нобудсозии ҳайвоноту набототи дар «Китоби сурх», аз ҷумла бабри барфӣ, ки дар маҳали хатар ҷойдошта дар ҳолати нобудшавӣ қарор дорад, мусоидат намекунад.

Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад шуморида шуд, ки ба моддаи 207-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қисми нав ворид карда шавад:

«Дар моддаи 207.

Барои нобуд кардани ҳайвоноту набототи нодири ба «Китоби сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ки таҳти хатари нестшавӣ қарор доранд ё нобуд кардани ҷои тухмгузорӣ, тухм, лона ва иншооти дигар ё содир намудани кирдорҳои дигаре, ки метавонанд боиси несту нобуд, ҳалокат, камшумор шудан ё халалдор шудани муҳити зисти ҳайвонот ва наботот гарданд ё кирдорҳое, ки бо сабаби риоя накардани шартҳои шикору истифодаи чунин ҳайвонот ва наботот содир шудаанд,

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

2. Кирдорҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, ки нисбат ба бабри барфӣ содир шуда бошанд, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ ва ба шахсони мансабдор аз панҷоҳ то ҳаштод нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъин карда мешавад.

Ворид намудани чунин меъёр ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонад барои пешгирии нобудшавӣ ва аз байн нарафтани ин ҷонвари нодир, ки ба рӯйхати сурхи Иттифоқи байналмилалии ҳифзи табиат ва замимаи 1 Конвенсия «Дар бораи савдои байналхалқии намудҳои флора ва фаунаи ёбоӣ, ки дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор доранд» дохил гардидааст, мусоидат намояд. Лоиҳаи қонуни пешбинигардида ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мансур Усмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мансур УСМОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, М. Набизода, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Файзулло, Т. Азимзода, М. Абдуллоев ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.



Он бо мақсади бартараф кардани ихтилофот, носаҳеҳӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гаштааст.

Тибқи лоиҳа, ба моддаи 17 қисмҳои 6 ва 7 оид ба мафҳуми суиқасди содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ барои суиқасди содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова мегардад.

Инчунин, қисми 3 моддаи 40 кодекси амалкунанда дар таҳрири нав пешниҳод шудааст, ки тибқи он ҷазои маъмурӣ дар намуди боздошти маъмурии амали иҷозатномаи машғул шудан бо намуди муайяни фаъолият, дар баробари мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда, инчунин аз ҷониби судя низ таъин карда мешавад.

Дар асоси лоиҳа қисми 2 моддаи 207 дар таҳрири нав оид ба кирдори нобуд кардани ҳайвоноти нодири ба «Китоби сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ки таҳти хатари нестшавӣ қарор доранд ва ин кирдор нисбат ба бабри барфӣ содир шуда бошад, илова гардида, ҳамзамон ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима ба андозаи аз сӣ то ҳаштод нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъин карда мешавад.

Барои риоя накардани талаботи истифодаи ғайриқонунии номи фирмавӣ, ҳамчунин, номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонии ғайр нисбат ба мол ва хизматрасонии шабеҳ, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, моддаи 377 қисмҳои 1 ва 2 дар таҳрири нав бо таъини ҷазои маъмурӣ таҳия шудааст.

Мутобиқи лоиҳа ном ва қисми 1 моддаи 472 дар таҳрири нав пешниҳод шудааст, ки он ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ворид намудан ё суиқасди ғайриқонунӣ ба муассисаҳои ислоҳӣ, изоляторҳо (тавқифгоҳҳо)-и тафтишотӣ ва нигоҳдории муваққатӣ ворид намудани ашёи манъшуда бо мақсади ба маҳкумшудагон, гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон додани онҳоро муайян менамояд. Инчунин, вобаста ба кирдорҳои зикршуда ҷаримаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъин карда мешавад.

Аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳа мавриди баррасӣ қарор дода шуда, барои такмили он дар маҷмӯъ, 29 пешниҳод манзур гардид, ки аз он 20-то қабул, 5-то қисман қабул ва 4 пешниҳод қабул нашуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо моддаҳои 1, 5, 10 ва боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА**: - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳабибулло ВОҲИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади беҳтар намудани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти агентӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Агентӣ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои воҳидҳои тафтишотӣ буда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба маводи нашъаоварро амалӣ менамояд.

Ҳангоми ошкори баъзе категорияи ҷиноятҳо вобаста ба маводи нашъаовар, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок (моддаҳои 203, 204, 205 ва 206 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бинобар сабаби ба тобеияти тафтишотии агентӣ шомил набудани ин гуна ҷиноятҳо, зарурати гирифтани иҷозати прокурори ваколатдор ҷиҳати анҷом додани тафтиши пешакии чунин ҷиноятҳо пеш меояд.

Давоми солҳои 2017 - 2021 аз ҷониби муфаттишони агентӣ бо иҷозати мақомоти прокуратура 25 парвандаи ҷиноятӣ бо моддаҳои 203, 204, 205 ва 206 Кодекси ҷиноятӣ оғоз ва тафтишоти пешакии онҳо гузаронида шудааст. Чунин тартиб иҷрои амалҳои тафтишотии зиёдро талаб намуда, ба фаъолияти муфаттишон сарбории иловагиро ба бор меорад.

Бинобар ин, бо мақсади иҷрои талаботи банди 20 - и «Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2021 таҳти №145 тасдиқ гардидааст, марҳила ба марҳила гузаронидани мониторинги қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти агентӣ зарурат ба миён омадааст, ки ба қисми 11 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад ва ба тобеияти тафтишотии агентӣ моддаҳои 203, 204, 205 ва 206 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил гардад.

Дар мавриди ба тобеияти тафтишотии агентӣ вогузор намудани моддаи 206 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардан бамаврид аст, ки дар амалия кормандони агентӣ ҳар сол дар баробари ошкор ва аз муомилоти ғайриқонунӣ мусодира намудани маводи нашъаовар, ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнокро низ ошкор менамоянд.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, пас аз қабул гардидани он зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён наоварда, ҳамзамон аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА**: - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Раънохон Бобоҷониён дода мешавад. Марҳамат.

**Раънохон БОБОҶОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Раҷабзода, Т. Азимзода, Б. Зиёӣ ва М. Мирзозода (Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022 таҳти №1280) ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2022 таҳти №1350) таҳия ва пешниҳод шудааст.

Мақсади асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар кардани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Тибқи қисми 11 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста бо ҷиноятҳое, ки моддаҳои 200, 201, 202, $202^1$, $202^2$, 203, 204, 205, 206, $206^1$ ва 289 (нисбати қочоқи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо ва ё прекурсорҳои онҳо, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, аз ҷониби муфаттишони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Ҳамчунин, ба моддаи 401 кодекси амалкунанда, ки тартиби ҳалли масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукмро танзим намудааст, тағйиру иловаи дахлдор ворид карда мешавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022 таҳти № 1280 ва аз 14 сентябри соли 2022 таҳти № 1350 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷонибдорӣ карданд ва барои такмилаш дар маҷмӯъ, 15 адад пешниҳод манзур намуданд, ки аз онҳо 13 - то қабул, 2-тои дигар қисман қабул дониста шуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад

Аз шумо, вакилони муҳтарам хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Раҳмон, М. Шукурзода ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Обидзода пешниҳод гардидааст.

Ҳадаф аз таҳияи лоиҳаи қонуни номбурда, бартараф кардани норасоиҳо, риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва иҷрои якхелаи меъёрҳои ҳамин кодекс, мутобиқ гардонидани лоиҳаи қонун бо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Тибқи лоиҳа, ба моддаи 86 қисми 5 илова гардидааст, ки он асосҳо ва муҳлати тамдид намудани тафтишоти маъмуриро пешбинӣ менамояд.

Қисмҳои 1 моддаҳои 114 ва 128 кодекс дар таҳрири нав ифода ёфта, ваколати мақомоти стандартизатсия, метрология, сертификатсия, нозироти савдо ва мақомоти зиддиинҳисорӣ вобаста ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии мушаххасе, ки дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, муайян менамояд.

Лоиҳаи қонуни зикргардида расмиёти муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузашта, кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар маҷмӯъ, 14 пешниҳод манзур намуданд, ки ҷиҳати такмили лоиҳа истифода шуданд.

Лоиҳаи қонун ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» шурӯъ менамоем. Сухан ба сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барно Саидвализода дода мешавад. Марҳамат.

**Барно САИДВАЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Он бо мақсади муайян намудани Рӯзи кормандони мақомоти иҷро таҳия шуда, ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сархати нав илова гардида, тибқи он 5 апрел - Рӯзи кормандони мақомоти иҷро муайян карда мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд ҷудо гардида, онҳо бояд дар алоҳидагӣ амал кунанд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2018 таҳти №1043 Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи истеҳсолоти иҷро ба танзим медарорад.

Новобаста ба мақомоти навтаъсис будан роҳбарият ва кормандони хадамот бо дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии маҷбурии санадҳои судӣ, санадҳои дигар мақомоти давлатиро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолият ба роҳ монда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Алҳол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» Рӯзи кормандони мақомоти иҷро пешбинӣ нагардидааст ва бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти кормандон муайян кардани Рӯзи кормандони мақомоти иҷро ба мақсад мувофиқ мебошад.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Сарвиноз Маҷидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвиноз МАҶИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мувофиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сархати нав илова гардида, тибқи он 5 апрел-Рӯзи кормандони мақомоти иҷро муайян карда мешавад.

Лоиҳаи қонун бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2022 таҳти № 1346 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда, расмиёти дохилиро мутобиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва боби 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА**: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» мутобиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мутобиқ гардонидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон П. Шодизода, С. Холмаҳмадзода, М. Ҷавҳарӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.



Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 2022 барои додани хулоса ба Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»-ро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ ва барои такмилаш дар маҷмӯъ, 25 пешниҳод манзур карданд, ки аз онҳо 19 пешниҳод қабул, 2 пешниҳод қисман қабул ва 4 пешниҳоди дигар қабул нагардид. Дар маҷмӯъ, ба муқаддима ва чордаҳ моддаи қонуни амалкунанда тағйироту илова ворид гардид.

Тибқи тағйироти пешниҳодшуда, муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода гардида, дар он мақсад, мавзӯъ ва вазифаҳои санади қонунгузорӣ дарҷ шудаанд. Аз моддаи 2 мафҳумҳои «Ташкилоти эҳсонкорӣ» ва «Барномаи эҳсонкорӣ» бо сабаби такрор шуданашон (дар моддаҳои 6 ва 20) хориҷ карда шудаанд. Инчунин, мафҳумҳои «Фонди эҳсонкорӣ» ва «Грантҳо» дар таҳрири нав ифода шудаанд. Дар моддаи 19 (қисми шашум) илова ва номи моддаи 16, қисми якуми моддаи 18, қисми сеюми моддаи 21, ҷумлаи якуми қисми якуми моддаи 22 дар таҳрири нав баён гардиданд.

Дар дигар мавридҳо низ, тағйироти пешбининамуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққкунанда ва таҳрирӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби панҷуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ) мутобиқ буда, амалишавии он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид шуданд, баррасӣ ёфтанд. Ба шумо, ҳозирини гиромӣ, барои иштироки фаъолона миннатдорӣ баён намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Маҳмудҷон УСМОНОВ,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 2 ноябри соли 2022 музоядаи № 19-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| № т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ – 31029 | 845 ZC 01 | 1997 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати ҶТ | 8000 |
| 2 | ВАЗ – 2106 | 807 ZC 01 | 2000 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати ҶТ | 3000 |
| 3 | ВАЗ – 2106 | 841 ZC 01 | 2000 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати ҶТ | 3500 |
| 4 | ГАЗ – 3102 | 842 2C 01 | 2001 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати ҶТ | 7000 |
| 5 | ВАЗ – 2107 | 00-14 А 01 | 2004 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4000 |
| 6 | Нива Шевролет | 852 ZC 01 | 2006 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | 25000 |
| 7 | Сузукӣ | 434 ХЕ 01 | 2003 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | 30000 |
| 8 | Опел – Вектра | 552 ZB 01 | 1995 | Муассисаи давлатии «Таъмир ва нигоҳдории пойгоҳҳои обкашӣ» | 20000 |
| 9 | ЗИЛ ММЗ-45021 | 092 ХС | 1986 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Вахш | 15000 |
| 10 | ВАЗ – 21074 | 15-11 В 02 | 2003 | Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Бӯстон | 4000 |
| 11 | Шевролет | 333 ZC 02 | 2012 | Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Спитамен | 30000 |
| 12 | ВАЗ – Нива | 10-07 А 04 | 1999 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15000 |
| 13 | ГАЗ – 3102 | 513 ХС 03 | 2003 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 14 | ГАЗ – 3102 | 330 ZC 01 | 2004 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 15 | ВАЗ – 2107 | 07-28 А 01 | 1998 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 16 | Таҷҳизоти хунуккунанда | 10185030 | 1988 | Муассисаи давлатии «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10000 |
| 17 | Компрессор П-220 | 01320034-35 | 2013 | Муассисаи давлатии «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 150000 |
| 18 | КАМАЗ | 95-82 В 01 | 2011 | Филиали КВД «Тоҷиксуғурта» дар ш. Ҳисор | 100000 |
| 19 | Тойота – Камри | 615 ZC 01 | 1999 | Филиали КВД «Тоҷиксуғурта» дар ш. Роғун | 15000 |
| 20 | Тойота – Хайс | 131 ХА 04 | 2010 | Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО дар ВМКБ | 20000 |
| 21 | Хундай Старекс | 698 ХА 01 | 2012 | Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 22 | Тойота Ленд Крузер | 873 ZA 01 | 1997 | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 120000 |
| 23 | ЗИЛ – 130 | 89-80 | 1975 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Исфара | 15000 |
| 24 | Опел – Астра | 198 | 1993 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Исфара | 13000 |
| 25 | Хафей | 253 ZK 02 | 2007 | Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Суғд | 14000 |
| 26 | ДЭУ Матиз | 254 ZK 02 | 2006 | Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Суғд | 13000 |
| 27 | Опел – Астра | 247 ZK 02 | 1997 | Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Суғд | 15000 |
| 28 | Нива – Шевролет | 979 ХС 07 | 2009 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Турсунзода | 30000 |
| 29 | Лассетӣ | 48-30 В 02 | 2006 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Конибодом | 15000 |
| 30 | ГАЗ – 2752 Собол | 081 ZC 01 | 2004 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20000 |
| 31 | ВАЗ – 21074 | 637 ХС 03 | 2007 | Раёсати молияи шаҳри Норак | 4000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музоядаҳо - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегарданд.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 2 ноябри соли 2022 музоядаи № 9-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ баргузор менамояд

| № т/р | Номи корхона ва ташкилот | Миқдори пораву партовҳои металлҳои сиёҳи аз ҳисоби таҷзияи воситаҳои асосии давлатӣ ҷамъоваригардида (бо тонна) | Нархи ибтидоии ҳаҷми умумии пораву партовҳои металлҳои сиёҳ (бо сомонӣ) | Мавқеи ҷойгиршавии корхона ва ташкилот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,029 | 29 | ш. Душанбе |
| 2 | Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика» | 0,055 | 55 | ш. Душанбе |
| 3 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | 4,5 | 4500 | ш. Душанбе |
| 4 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ» | 5,125 | 5125 | ш. Душанбе |
| 5 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Саноатсоз» | 0,123 | 123 | ш. Душанбе |
| 6 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7,020 | 7020 | ш. Душанбе |
| 7 | Муассисаи давлатии «Ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда» | 1,3 | 1300 | ш. Душанбе |
| 8 | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов | 0,373 | 373 | ш. Душанбе |
| 9 | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | 2,405 | 2405 | ш. Душанбе |
| 10 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов | 0,046 | 46 | ш. Душанбе |
| 11 | Маркази техникии телевизион ва радиои вилояти Хатлон | 0,025 | 25 | ш. Бохтар |
| 12 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор» | 1,774 | 1774 | ш. Ҳисор |
| 13 | МД «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Дӯстӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун | 0,523 | 523 | н. Ҷайҳун |
| 14 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» (чӯян) | 0,5 | 400 | ш. Душанбе |
| 15 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (чӯян) | 1,5 | 1200 | ш. Душанбе |
| 16 | КФҶ «Коргоҳи таъмири қатораҳо» | 15,5 | 12400 | ш. Конибодом |
| 17 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор» (чӯян) | 0,180 | 144 | ш. Ҳисор |
| 18 | Суди конститутсионии ҶТ (ранга) | 0,014 | 182 | ш. Душанбе |
| 19 | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (ранга) | 0,026 | 338 | ш. Душанбе |
| 20 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов (ранга) | 0,003 | 39 | ш. Душанбе |
| 21 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор» (ранга) | 0,046 | 598 | ш. Ҳисор |
| 22 | МД «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Дӯстӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун (ранга) | 0,005 | 65 | н. Ҷайҳун |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Тоҷи Нур», ки дорои РМА 120042018, РЯМ 1210011743 буда, дар Идораи нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 16 декабри соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Муҳаммад Солеҳ-1» бо РЯМ 6010005320, РМА 600013054, ки дар Идораи нозироти андози шаҳри Панҷакент 1 январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорони МТМУ №10» -и шаҳри Норак, ки таҳти силсилаи ИҶ 517 аз 30 ноябри соли 2018 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Се ахтарон», воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Чорбоғи ноҳияи Варзоб, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии клуби футболи «Ситора-Рӯдакӣ», ки дорои Гувоҳномаи №12/003534 дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда – РМА 120035340 буда, онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 апрели соли 2011 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪЛОН!

### Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**Сардори шуъбаи назорат ва коргузорӣ**

- талаботи тахассусӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ (иқтисодӣ, омӯзгор, гуманитарӣ), ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 2115,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мудири бахши ҳуқуқ**

- талаботи тахассусӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (ҳуқуқшинос), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсус**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (идоракунии давлатӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Сармутахассиси бахши кадрҳо ва корҳои махсус**

- талаботи тахассусӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ (кори иҷтимоии фаъолияти тиббӣ - психологӣ, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизматӣ - давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1577,00 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат ва коргузорӣ**

- талаботи тахассусӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (омӯзгор, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ (2 ҷой)**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (иқтисодчӣ, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари шуъбаи кумакҳои иҷтимоии Раёсати кафолати кумакҳои иҷтимоӣ**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (кори иҷтимоӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари бахши ҳуқуқ**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (ҳуқуқшиносӣ, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси пешбари Бахши кадрҳо ва корҳои махсус**

- талаботи тахассусӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (иқтисодчӣ, ҳуқуқшиносӣ гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши мувaққатии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (иқтисодӣ, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

Маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо

**Мутахассиси шуъбаи назорат ва коргузорӣ**

-талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (барномасоз, гуманитарӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

Маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Мутахассиси шуъбаи мониторинг ва таҳлили соҳаи ҳифзи иҷтимоии Раёсати кафолати кумакҳои иҷтимоӣ**

- талаботи тахассусӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ (иқтисодӣ), ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

Маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи басти вазифаҳо.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ;

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 3 х 4);

- тарҷумаи ҳол;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;

- маълумотномаи тиббӣ (шакли 038-УЕ);

- нусхаи шиноснома;

- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- нусхаи билети ҳарбӣ;

- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи иҷтимоии нафақа (СИН).

- ҳуҷҷати тасдиқкундаи надоштани доғи судӣ;

-маълумотномаи (COVID-2019).

Кор бо компютер ҳатмӣ, донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ-3, телефонҳо: 446100053, 555553186, суроғаи электронӣ: hifziijtimoi@mail.ru. Ҳуҷҷатҳо дар давоми 21 рӯз баъд аз чопи эълон қабул карда мешавад.**

## ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

### Реабилитация 264 учреждений ПМСП

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 29 - Реабилитация учреждений ПМСП город Гиссар.**

**2. Пакет 30 - Реабилитация учреждений ПМСП районы Варзоб-Гиссар.**

**3. Пакет 31 - Реабилитация учреждений ПМСП районы Варзоб-Восе.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с 9⁰⁰ до 15⁰⁰ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до 15⁰⁰, 31 октября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан, ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе, (Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**

**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj. Тел: (37) 221 06 91**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки онро Иттиҳодияи ҷумҳуриявии илмӣ-истеҳсолии «Тоҷикагропромавтоматизатсия» (РПНО «Таджикагропромавтоматизация») моҳи августи соли 1986 барои Халилова (ҳоло Ҳамдамова) Гулнора Хушвахтовна кушодааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 0573376-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи (ҳоло шаҳри) Ҳисор соли 2018 ба Бердиева Марҷона Фахриддиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ДШ №1329010-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ч. Имомов, ҳавлии 128 А таҳти қайди 1/1 н/2022-1-20 санаи 14 январи соли 2022 ба Изатуллоев Ҷунайдулло Иноятуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №82-и шаҳри Душанбе соли 1983 ба Каримова Мавлонбӣ Мулковна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДМБ №0178373-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ бо рақами қайди 429 соли 2021 ба Ниёзов Билол Олимхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ бо РЯМ 0130198503, РМА 015990705-и гумшуда, ки онро 26 феврали соли 2022 Идораи нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Наботов Меҳроҷ Раҷабалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо РМА 045205108, РЯМ 0430145568 ба Қувватов Фаррух Гулмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии № 1010612020 -и гумшуда, ки онро ШВКД-ии Сино 2-и шаҳри Душанбе 10 июни соли 2020 ба Умарова Зарина Озодовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КФББТ-ии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Маърифат - 5, квартираи 5 (ҳоло ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) ва дафтари ҳавлидории манзили истиқоматии гумшуда, ки онро ШВКД - и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Маърифат - 5, квартираи 5 (ҳоло ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) ба Умарова Гулнора додаанд, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонӣ таҳти №0231977 бо РЯМ 6030115612 - и гумшуда, ки онро Идораи нозироти андози шаҳри Панҷакент 28 марти соли 2016 ба Ғаниев Маъмурҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0058623 бо РЯМ 6030074903, РМА 605035792-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 12 августи соли 2013 ба Ғафуров Раҳмон Маҳмадқулович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЧТ № 0119031-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе таҳти рақами бақайдгирии 32 санаи 7 июли соли 2018 ба Икромов Икром Ҷомиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Қурбонов Алиҷон Якубович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома оид ба имтиёзҳои силсилаи А №438634-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе 5 декабри соли 1995 ба Валиходжаев Аҳтам Оттович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ таҳти рақами кадастрии 68-010-000007-01-013-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Душанбе 27 августи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 25/3, ҳуҷраи 11 ба Кадырова Хаитгуль Езнакуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 507679-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1977 ба Ғуломов Бурихон Ҷураевич додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Маҳмадулло Салим» бо РЯМ 0310002193, РМА 030010696 эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РЯМ 0331447463, РМА 046211919, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Бобоев Наврузҷон Абдулҳақович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 7/4, квартираи 21 ба Комилов Ашуралӣ Фозилович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии рақами қайди ИҶ 1377-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 марти соли 2011 ба ташкилоти ҷамъиятии Клуби футболи «Ситора-Рӯдакӣ» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №3536-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии техникии №15-и шаҳраки Пахтаобод (ҳоло Литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзода) соли 2006 бо ихтисоси «Тракторчӣ» ба Давлатов Нуриддин Табаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷомӣ ба Халифов Хайрулло додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД –и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷомӣ ба Халифов Хайрулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи таҳти феҳристи 68-011-000503-01-045-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғафриманқул» дар шаҳри Душанбе 15 сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров 45, ҳуҷраи 45 ба ҶДММ «Себистон - 2018» додааст, эътибор надорад.

**Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба сармуҳаррири маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» Шоҳона Одиназода бинобар вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Ҳӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешағӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 17 октябри соли 2022, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров